**Нусха аз суратмаҷлиси № 8**
**оид ба баргузории ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 12 феврали 2024 с. ш. Душанбе

Иштирок доштанд: Мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М., н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов С.Ш., муаллими калон Насриддинов М., ассистентҳо: Давлатов Б.С., Аҳмадзода М.С., ва лаборанти калони кафедра Ҳабибова Б.Х.

**Рузномаи маҷлис:**

**1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

Раискунандаи ҷаласа н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., иброз намудаанд, ки масъалаи рузномаи ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуқтаҳои асоси ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Аҳмадзода М.С., дода шуд. (Баромад замима мегардад).

Баъди баромади Аҳмадзода М.С., аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Раискунандаи ҷаласа Ямоқова З.Д., қайд намуд, ки рисолаи мазкур бори дуввум аст, ки аз муҳокимаи кафедра мегузарад. Баъди муҳокимаи аввал бо пешниҳоди аъзоёни кафедра барои ислоҳи эродҳо ва камбудиҳои техникӣ ба диссертант муҳлат дода шуд ва ӯ дар муддати муайянгардида

ҳамаи эродҳо ва камбудиҳоро ислоҳ намудааст. Аз устодони кафедра д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М., муаззаф гардида буд, ки рисолаи мазкурро то муҳокимаи имруза пурра мутолиа намуда, хулосаи ниҳоиро пешниҳод намояд. Инчунин, нусхаи рисола ба н.и.ҳ., дотсенти кафедра Давлатзода Д.Д., тақсим гардида буданд. Аз устодони мазкур хохиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М., дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Аҳмадзода М.С., иброз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Хамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки он аз тарафи диссертант ислоҳ кардааст.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., баромад намуда, қайд кард, ки рисолаи номзадии Аҳмадзода М.С., анҷомёфта мебошад. Он бо забони ноби тоҷикӣ ва бо усули содда навишта шудааст. Дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисер хуб омода гардидааст, иброз намуд, дотсент Давлатзода Д.Д.

Баъдан, н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., доир ба моҳияти рисолаи илмӣ ибрози назар намуда, қайд намуд, ки мавзуи илмии таҳқиқотии рисоланавис яке аз масъалаҳои мубрами илми криминалистикаи ватаниро ташкил медиҳад. Талаботҳои пешбининамудаи КОА оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро рисолаи анҷомпазируфта маънидод намуд. Рисола дар сатҳи хуб омода шудааст ва ба дифоъ тавсия карда мешавад.

Раискунандаи ҷаласа профессор Ямоқова З.Д., низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асосӣ хулосаҳои иброзшуда метавон онро ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Ҳамин тавр, аз руӣ ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин Қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ, шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 11 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар.

Суратмаҷлис аз 12 феврали соли 2024, № 8

**Раискунандаи ҷаласа:**
**профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**н.и.ҳ., Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.ҳ., дотсент Шарипов С.С.**

**Имзои Ямоқова З.Д., ва Шарипов С.С.,-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.**

12.02.2024

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj